«Тасдиқ мекунам»

«Тасдиқ мекунам»
Вазири фарҳанги
Ҷумҳурии Тоҷикистон
_______Ш. Орумбекзода
«11» 02 соли 2019

# НИЗОМНОМАИ
## Фестивали ҷумҳуриявии «Ҳафтаи китоби кӯдакону наврасони Тоҷикистон» таҳти унвони «Кашшофи падидаҳои наврас»

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

Яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф ва фарҳанг ин тарбияи наслиояндаи миллат дар руҳияи созандагӣ, бунёдкорӣ, ҳисси хештаншиносӣ, ватандӯстӣ, эҳтиром ба таърих ва мероси гаронмояи ниёгон, ифтихор аз комёбиҳои даврони соҳибистиқлолӣ, ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ, равона сохтани майл ва завқу рағбати онҳо ба донишомӯзӣ, баҳрабардории ҳарчи бештари кӯдакону наврасон аз дастовардҳои илмию техникӣ, техника ва технологияи муосир ба шумор меравад.

Тавре, ки аз дастуру ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бармеояд, «Моро зарур аст, ки фаъолияти муассисаҳои таълимии санъату ҳунар, осорхонаву китобхонаҳо, театрҳо ва марказҳои фарҳангиро беҳтар гардонем, аҳли ҷомеаро ба ин муассисаҳо ҳарчи бештар ҷалб кунем ва бо ин роҳ ба раванди баланд бардоштани сатҳи маърифату маънавиёти аҳли ҷомеа, алалхусус, наврасону ҷавонон, яъне наслҳоиояндасози миллат ва рушди фарҳанги миллӣ такони ҷиддӣ бахшем».

Барои иҷрои ин вазифаи басо пурмасъулият китобхонаҳои бачагона ва мактабии мамлакат ҳамчун марказҳои фароҳамоварӣ, нигоҳдошт ва омӯзишу тарғиби арзишҳои фарҳанги миллӣ, донишҳои умумибашарӣ дорои имкониятҳои нисбатан васеи тарбияи насли наврас буда, дар ин самт мавқеи калидиро ишғол менамоянд.

Бо дарназардошти ҳамин масъулияти иҷтимоӣ Муассисаи давлатии «Китобхонаи давлатии бачагонаи ҷумҳуриявии ба номи Мирсаид Миршакар» дар ҳамкорӣ бо Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Иттифоқи нависандагон, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ анъанаи пурарзиши китобдӯстиро пайгирӣ намуда, Фестивали ҷумҳуриявии «Ҳафтаи китоби кӯдакону наврасони Тоҷикистон» таҳти унвони «Кашшофи падидаҳои наврас»-ро (минбаъд – Фестивал) баргузор менамояд.

Тибқи нақшаи фаъолияти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, раёсату шуъбаҳои фарҳанг ва маорифи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барои соли 2019 аз 2 то 9 апрел бо иштироки аҳли илму адаб дар саросари ҷумҳурӣ фестивал баргузор мегардад.

Баргузории ин чорабинии муҳим имкон медиҳад, ки тавассути шиносоӣ бо вазъи китобхонаҳои бачагона ва мактабӣ аҳли илму адаби кишвар ва масъулони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ роҳу воситаҳои боз ҳам муассиру замонавии тарғиби китоб ва дигар маводи иттилоотиро дар байни кӯдакону наврасон дарёфт намуда, ба ин васила дар раванди ташаккули ҳисси ифтихор аз забону миллати хеш, ватандӯстӣ, хештаншиносӣ, эҳтирому посдории якпорчагии Тоҷикистон саҳм гузоранд ва бо ҳидояти каломи бадеъ насли наврасро ба сӯйи бунёдкориву созандагӣ раҳнамун сохта, пойдевори давлати тозабунёди Тоҷикистонро боз ҳам мустаҳкамтар намоянд.

Соли 2019 фестивал ба ифтихори 28-солагии ҷашни Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 22-солагии Рӯзи Ваҳдати миллӣ, ҷашни Наврӯзи байналмилалӣ, Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор 2018-2028», Соли рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ, ҷашнвораҳои адибону олимон ва симоҳои барҷастаи илму ҳунар бахшида мешавад.

## 2. МАҚСАДИ ФЕСТИВАЛ

Мақсади асосии баргузории фестивал ҷалби насли наврас ба мутолиаи китоб, ташаккул ва такомули беҳтарин малакаҳои хониш, боз ҳам баланд бардоштани сатҳи фарҳанги иттилоотии кӯдакону наврасон, ҷавонон ва ба ин васила дар замири онҳо тарбия намудани ҳисси ифтихори миллӣ, ватандӯстӣ, гиромидошти арзишҳои милливу умумибашарӣ мебошад.

Дар ҷараёни баргузории фестивал таваҷҷӯҳи мақомоти дахлдори давлатӣ, аҳли ҷомеа, бахусус падару модарон, омӯзгорону мураббиён, олимону адибон, китобдорон ба мушкилоти раванди хониши кӯдакону наврасон, эҳтиёҷоти китобхонаҳои бачагона ва мактабии мамлакат, фароҳамоварии шароитҳои боз ҳам мусоид барои мутолиаи китоб ва ҳаллу фасли масъалаҳои табъу нашри китоб барои кӯдакону наврасон ҷалб хоҳад шуд.

## 3. ВАЗИФАҲОИ ФЕСТИВАЛ

Вазифаҳои фестивал аз чорабиниҳои гуногун иборат аст. Вобаста аз имкониятҳои молиявӣ ва ташкилӣ вохӯрӣ бо адибону ноширони адабиёти кӯдакон ва наврасон, ҷашнвораҳои адабӣ, озмуни ровиёни ҷавон, сабқатҳои «Фурӯхташавандатарин китоб», «Машҳууртарин нависандаи кӯдакон», «Фаъолтарин хонандаи ҷавон», озмуни рӯзноманигорон барои инъикоси беҳтарин таҷрибаи коллективҳо дар самти рушди хониш, ҷамъоварии китобҳо, бозиҳо, бозичаҳо барои кӯдакистонҳо, мактаб-интернатҳо, муассисаҳое, ки бо кӯдакони дорои имкониятҳои маҳдуди ҷисмонӣ кор мекунанд ва китобхонаҳои деҳотро ташкил ва баргузор намудан мумкин аст.

Озмунҳо ва сабқатҳои «Китобчаи дӯстдоштаи ман», «Фурӯхташавандатарин китоб» ва дигарон унсурҳои низомномаи мазкур маҳсуб намеёбанд, балки барои баргузории онҳо низомномаҳо ва тартиби мушаххаси баргузорӣ таҳия мегарданд, зеро муҳлати баргузории онҳо аз Фестивал фарқ мекунанд. Масалан, муҳлати гузаронидани Фестивал даҳаи аввали моҳи апрел буда, озмуну сабқатҳо моҳҳои феврал - март ва аввали моҳи апрел баргузор ва дар доираи Фестивал ғолибони озмунҳо муайян гардида, бо мукофотҳо сарфароз гардонида мешаванд.

Муҳимтарин вазифаи фестивал арҷгузорӣ ба мероси ниёгон, арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ, тарбияи насли наврас дар рӯҳияи ватандӯстӣ, зебописандӣ, худшиносӣ, ифтихор аз Тоҷикистон, эҳтироми муқаддасоти миллӣ, омодагӣ ба ҳифзи марзу буми Ватани азиз – Тоҷикистон мебошад.

Созмондиҳандагони фестивал ният доранд, ки баҳри ташаккули чунин сифатҳои воло дар замири кӯдакону наврасон, такомули ақлу заковат ва маънавиёти онҳо дар ҷараёни баргузории чорабинӣ ба иҷрои вазифаҳои зерин таваҷҷӯҳи хоса зоҳир намоянд:

- тарғибу ташвиқи адабиёти тозанашри илмӣ-оммавӣ, адабӣ, бадеӣ, техникӣ, фантастикӣ, инчунин адабиёти соҳаҳои гуногуни дониш, маҷаллаву рӯзномаҳо дар байни кӯдакону наврасони ҷумҳурӣ;
- муаррифии беҳтарин асарҳои адабиёти классикӣ ва муосири тоҷик, осори намояндагони барҷастаи адабиёти халқҳои гуногуни ҷаҳон дар байни кӯдакону наврасон;
- дастраси кӯдакону наврасон гардонидани мероси таърихию фарҳангии халқи тоҷик тавассути ташкили лексияҳо, суҳбату мулоқотҳо оид ба ҳунарҳои мардумӣ, ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ, меъморӣ, бо истифода аз матни китоб ва дигар маводи иттилотӣ ташкил намудани экскурсияҳо ва хатсайрҳои виртуалӣ (маҷозӣ) ба мавзеҳои сайёҳии Тоҷикистон;
- дар ҳамкорӣ бо падару модарон боз ҳам беҳтар намудани сифати таълиму тарбияи фарзандон, баланд бардоштани ҳисси масъулиятшиносии волидайн нисбат ба масъалаҳои хониши кӯдакону наврасон, ташаккули фарҳанги иттилоотии онҳо;
- бедор намудани майлу рағбат ва шавқу ҳаваси насли наврас ба мутолиаи китоб ва чорабиниҳои гуногуни фарҳангӣ;
- кашфи истеъдодҳои ҷавон, бачагону наврасони болаёқат, аз ҷумла ровиёну наттоқони ҷавон, рассомону ихтироъкорони наврас, навқаламон, китобдӯстон, кишваршиносон, аз ҷумла сайёҳон ва роҳбаладони наврас, шогирдони устоҳои чирадасти соҳаи ҳунарҳои мардумӣ – кандакорону чакандӯзони хурдсол, кадбонуҳо ва ғайра;
- созмондиҳӣ ва баргузории чорабиниҳои гуногуни шавқовар барои кӯдакону наврасон, ҷавонон (мулоқоту вохӯриҳо, суҳбатҳо, конфронсҳои хонандагон, субҳи адабӣ, намоишҳои китобӣ, муаррифии китобҳо ва мавзеъҳои сайёҳии (деҳа, шаҳру ноҳия, вилоят), мубодилаи афкор, хулосаҳои библиографӣ, викторинаҳо, маҳфилҳои гуногун, ба монанди «Ояндасозонро тарбияи дуруст мебояд» (бо ширкати муштараки волидону фарзандон, мураббиёну омӯзгорон, адибону олимон), «Сайри олами маънӣ (ё маонӣ)»,«Насли солим – ҷомеаи солим», «Варзишгарони навраси тоҷик», «Навқаламон», «Дӯстдорони назми классикӣ», «Дӯстдорони фантастика», «Дӯстдорони мусиқӣ», «Дӯстдорони саёҳат», «Техники ҷавон», «Ихтироъкори наврас», «Муҳандиси ҷавон», «Пайравони Пешво», «Об-манбаи ҳаёт», «Роғун - кохи нур», «Биҳишту бебаҳои Тоҷикистон», «Шоирон дили миллатанд» базмҳои шеъру тарона, байтбарак ва ғайра) бо иштироки олимону ихтироъкорон, устоҳои варзидаи соҳаи ҳунарҳои мардумӣ, шоиру нависандагон, аз ҷумла муаллифони китобҳои бачагона, шахсиятҳои барҷаста илму адаби тоҷик, падару модарон, омӯзгорону мураббиён;

- паҳннамоӣ ва дастраси кӯдакону наврасон гардонидани шаклу услубҳои нави хадамоти китобдорӣ-иттилоотӣ тавассути технологияи муосири иттилоотӣ, санҷиши маҳорату малакаҳои кор дар шабакаи интернет;

- ташкили ярмаркаи китобҳои бачагона, нуқтаҳои китобдиҳӣ, намоишҳои китобӣ, маводи таълимӣ-методӣ, намоишгоҳи дастранҷи кӯдакон, рассомону ихтироъкорон, кадбонуҳои наврас;

## ОЗМУНҲОИ ФЕСТИВАЛ

**Озмуни расмҳо** аз рӯи асарҳои кӯдакона «Китобчаи дӯстдоштаи ман» Яке аз чорабиниҳое, ки дар доираи Фестивали китоби кӯдакону наврасони Тоҷикистон гузаронида мешавад, ин Озмуни расмҳо аз рӯи асарҳои кӯдакона бо номи «Китобчаи дӯстдоштаи ман» ба шумор меравад.

Мавзӯи озмунро Кумитаи тадорукоти ҷумҳуриявӣ муайян мекунад, он метавонад ҳамчун ороиши асари ягон муаллиф «Китобчаи дӯстдоштаи ман» унвон дошта бошад.

Озмуни расмҳоро дар мавзӯҳои «Ҳама чиз барои сулҳ ва инсоният», «Китоб ва хониш сарҳад надоранд», «Тарзи ҳаёт – таҳаммулпазирӣ», «Дӯстии халқҳо», «Кишвари ман», «Оид ба адабиёту фарҳанги ҳалқҳои Иттиҳод мо чиро медонем», «Китоби дӯстоштаи ман» ва ғайра низ ташкил кардан мумкин аст.

Иштирокчиёни озмун кӯдакони ду гурӯҳи синну соли зерин шуда метавонанд:

- кӯдакони синни томактабии аз 3 то 4 сола;
- кӯдакони синни мактабии то 15 сола.

Макони баргузории озмунҳо муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, литсею гимназияҳо, коллеҷҳо, китобхонаҳо, дӯконҳои китобфурӯшӣ, кӯдакистонҳо, мактаб-интернатҳо, муассисаҳое, ки бо кӯдакони дорои имкониятҳои маҳдуди ҷисмонӣ кор мекунанд, муассисаҳоиислоҳи меҳнатӣ, хонаҳо, қасрҳои фарҳанг мебошанд.

Китобхонаҳо, дӯконҳои китобфурӯшӣ, муассисаҳои соҳаи маориф озмуни расмҳоро дар муддати 20-30 рӯз гузаронида, натиҷаи онро то 1 апрел ҷамъбаст ва 8-10 адад расми беҳтаринро интихоб карда, онҳоро нусхабардорӣ (сканирование) намуда, тавассути почтаи электронии vfarhang03@gmail.com (Тамос: 223-04-72, 221-04-50, 227-22-57) ба суроғаи Кумитаи тадорукоти ҷумҳуриявӣ ирсол менамоянд. Кумитаи тадорукоти Фестивал 60 - 100 расми беҳтаринро интихоб намуда, дар ҷамъбасти фестивал онро манзури тамошобинон мегардонанд. Рассомони ҷавон бо диплом, китоб, рӯзнома, маҷаллаҳое, ки дар он расми кашидаашон чоп шудааст, дар ҷамъбасти фестивал сарфароз гардонида мешаванд.

Озмуни «Расмҳо аз рӯи асарҳои кӯдакона» дар ду давр баргузор мегардад:

Даври аввал – дар китобхонаҳо ва дӯконҳои китобфурӯшӣ;

Даври дуюм – ҷумҳуриявӣ.

Аз рӯи натиҷаи даври якум расмҳои беҳтарин интихоб гардида, ба Кумитаи тадорукоти ҷумҳуриявӣ пешниҳод мешаванд. Яке аз ғолибони озмун ба нишони қадрдонӣ ҷиҳати иштирок дар ҷамъбасти Фестивал ба сафари дурӯзаи шаҳри Душанбе фиристонида мешавад.

Давраи сеюм – ҷамъбастӣ, дар шаҳри Душанбе.

Кумитаи тадорукоти ҷумҳуриявӣ 10-15 адад расми беҳтаринро интихоб намуда, барои чоп дар албоми расмҳои беҳтарини кӯдакон – сокинони кишварҳои узви ИДМ ба шаҳри Москва ирсол менамоянд.

**Озмуни хабарнигорон** барои беҳтарин инъикоси таҷрибаи коллективҳои меҳнатӣ оид ба тарғиби китоб ва рушди хониш дар ВАО.

Дар доираи Фестивали китоби кӯдакон ва наврасони Тоҷикистон озмуни хабарнигорон барои беҳтарин инъикоси таҷрибаи коллективҳои меҳнатӣ оид ба тарғиби китоб ва рушди хониш дар ВАО гузаронида мешавад.

Иштирокчиёни озмуни мазкур хабарнигорон ва матбааи рӯзномаву маҷаллаҳо, шабакаи садо ва симо, веб-сомонаҳо, фаъолони шабакаҳои махсус ба ҳисоб меравaнд.

Кумитаи тадорукоти Фестивал ба ХОВАР, ВАО-и касбӣ, нашриёҳои машҳур, шуъбаҳои радио ва телевизион, китобхонаҳо, ташкилотҳои савдои китоб, муассисаҳои фарҳанг ва маориф, ки дар ташкил ва баргузории Фестивал саҳм мегиранд, варақаи мабтуотӣ (пресс-релиз) ирсол менамояд.

Муҳлати баргузории озмун моҳҳои феврал - апрел ва пешниҳоди мавод ба Кумитаи тадорукоти ҷумҳуриявии фестивал 5 апрел мебошад.

Маводе, ки дар матбуот чоп мешавад, дар радио садо медиҳад, тавассути телевизион пахш мешавад, дар Веб-сомонаҳо ва шабакаҳои иҷтимоӣ ҷойгир карда мешавад, бояд ба мавзӯи озмун мувофиқат кунад.

Кумитаи тадорукоти фестивал бо маводи пешниҳодшуда шинос гардида, ғолибонро муайян мекунад.

Мукофотонии ғолибон ҳангоми ҷамъбасти натиҷаҳои фестивали китоби кӯдакон ва наврасони Тоҷикистон доир мегардад.

Сабқатҳои «Фурӯхташавандатарин китоб», «Фаъолтарин хонандаи ҷавон», «Машҳуртарин нависандаи кӯдакон».

Дар доираи барномаи Фестивал баргузор намудани сабқатҳои «Фурӯхташавандатарин китоб», «Машҳуртарин нависандаи кӯдакон», «Фаъолтарин хонандаи ҷавон» ба мақсад мувофиқ аст. Сабқатҳоро Корхонаи воҳиди давлатии таъминот ва савдои «Китоб», дӯконҳои китобфурӯшӣ мегузаронанд. Онҳо дар давоми моҳҳои феврал-март шумораи китобҳои фурӯхташударо муайян намуда, то 1 апрел натиҷаи фурӯши китобҳои кӯдакона ва дигар ҳомилҳои электронии иттилоотиро ба Кумитаи тадорукоти ҷумҳуриявӣ ирсол менамоянд.

Кумитаи тадорукот маводи мазкурро таҳлилу натиҷагирӣ намуда, нашриётҳои маҳаллиеро, ки маҳсулоти чопиашон дар семоҳаи якуми солӣ ҷорӣ аз ҳама бештар мавриди ниёз ва фурӯш гардидааст, қадрдонӣ менамояд. Кумитаи тадорукоти ҷумҳуриявӣ маводи ҷамъбастиро дар бораи фурӯши китобҳои кӯдакона то 5 апрел ба Кумитаи тадорукот ирсол менамояд. Кумитаи мазкур маводи ирсол намудаи вилоят, шаҳру ноҳияҳои ҷумҳуриро таҳлилу баррасӣ мекунад, фурӯхташавандатарин китоб ва нашриёте, ки чунин китобро дар микёси чумхурӣ чоп намудааст, муайян мекунад.

Мукофотонии нашриёти ғолиб дар ҷамъбасти фестивал доир мегардад.

Ҳамасола дар давоми моҳҳои феврал-март китобхонаҳо шумораи китобдиҳӣ ба хонандагони ҷавонро ҷамъбаст намуда, натиҷаи онро то 1 апрел ба Кумитаи тадорукоти ҷумҳуриявии Фестивал пешниҳод мекунанд.

Кумитаи тадорукот бо маводи мазкур шинос гардида, натиҷаи онро ҷамъбаст намуда, дар расми ботантанаи ҷамъбасти Фестивал фаъолтарин хонандаи ҷавонро бо мукофот сарфароз мегардонад.

**Озмуни ровиёни ҷавон:**

Даври якум: дар муассисаҳои томактабӣ ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ

Даври дуюм: дар китобхонаҳо ва дӯконҳои китобфурӯшӣ;

Даври сеюм: дар шаҳри Душанбе, ҷамъбаст ва мукофотсупорӣ.

Кумитаи тадорукоти Фестивал аз озмуни ровии ҷавон натиҷагирӣ намуда, ровиёни беҳтаринро интихоб менамояд, онҳоро бо диплому ифтихорномаҳо, ҷоизаҳо ва тӯҳфаҳо – китобҳои бачагона сарфароз мегардонад. Дар чорабиниҳо ҳунармандон, коллективҳои рақсӣ ва адибони бачагон баромад мекунанд. Ғолибон, лауреатҳо ба нишони қадрдонӣ ба муҳлати 2 рӯз, ҷиҳати иштирок дар чорабиниҳои ҷамъбасти Фестивал ба шаҳри Душанбе фиристонида мешаванд.

Дар расми ботантана тамоми иштирокчиён бо ифтихорномаву дипломҳо, китобҳои бачагона ва ҷоизаҳо (тӯҳфаҳои хотиравӣ) сарфароз гардонида мешаванд.

Ғолибони озмунҳои ҷумҳуриявӣ дар чорабиниҳои Фестивали «Ҳафтаи китоби кӯдакону наврасони Тоҷикистон» ширкат меварзанд. Дар фестивали мазкур онҳо бо диплому ифтихорномаҳо, китобҳои бачагона, ҷоизаҳо ва албоми расмҳои эҷоднамудаи кӯдакон-сокинони ҷумҳурӣ сарфароз гардонида мешаванд. Дар саҳифаҳои рӯзномаву маҷҷалаҳо акси ғолибони озмуни ровиёни беҳтарин ҷой дода мешаванд.

Баргузории озмунҳо аз қабили –«Оилаи ҳунарманд», «Дастони тиллоӣ» (барои беҳтарин намунаҳои дастранҷи шогирдони устоҳои соҳаи ҳунарҳои мардумӣ) «Иншои беҳтарин», «Навқалам», «Вориси Сомониён», «Беҳтарин китобхонаи бачагона», «Беҳтарин китобхонаи мактабӣ», «Китобдӯсти ҷавон», «Китоби дӯстдоштаи ман», «Ровии беҳтарин» - (бахшида ба 80 - солагии Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон Маҳмудҷон Воҳидов),«Адиби сермаҳсул», «Боғча хонаи мо», викторинаҳо – «Оё Шумо медонед?» ва муқаррар намудани ҷоизаҳои фестивал «Ғолиби викторина», «Барои қироати беҳтарин» (шеър, афсона, ҳикоя ва ғайра), «Барои беҳтарин намоишгоҳи китоб», «Аниси хонадони мо» (барои оилаҳои китобдӯст) ва амсоли ин.

## 4. ТАРТИБИ БАРГУЗОРИИ ФЕСТИВАЛ

Фестивал зина ба зина аз деҳот то пойтахт аз 2 то 9 апрели соли равон баргузор мегардад. Фестивал санаи 2 апрел дар толори Китобхонаи давлатии бачагонаи ҷумҳуриявии ба номи Мирсаид Миршакар, китобхонаҳои бачагонаи вилоятӣ ва китобхонаҳои марказии шаҳру ноҳияҳо, китобхонаҳои мактабӣ таҳти унвони «Кашшофи падидаҳои наврас» ба таври тантанавӣ оғоз меёбад.

Дар ҷамъбасти фестивал 9 апрел бахшида ба 65-солагии Шоири халқии Тоҷикистон Муҳаммад Ғойиб дар толори Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода бо иштироки китобдорон, фаъолон, ғолибони озмунҳо, аҳли илму адаб, намояндагони вазоратҳои фарҳангу маориф, васоити ахбори омма намоиши идона баргузор мегардад.

Баҳри дар сатҳи баланди ташкилию эҷодӣ баргузор гардидани фестивал ҳар сол дар назди Китобхонаи давлатии бачагонаи ҷумҳуриявии ба номи Мирсаид Миршакар Ситоди ҷумҳуриявӣ ташкил карда мешавад. Ситоди мазкур фаъолияти кумитаҳои тадорукот, ҳайатҳои корӣ ва эҷодии фестивалро, ки дар вилоят, шаҳру ноҳияҳо созмон дода шудаанд, мутобиқ гардонида, ба онҳо ёрии амалию методӣ мерасонад.

Дар вилоят ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ бо иштироки китобдорони варзида, олимону адибон, намояндагони раёсат, шуъбаҳои фарҳангу маориф, воситаҳои ахбори омма кумитаҳои тадорукот ва ситодҳои корӣ созмон дода мешаванд.

Ҳайати корӣ ва эҷодии фестивал таҳти унвони «Кашшофи падидаҳои наврас» дастури методию таълимиро таҳия менамоянд, ки дар он Низомномаи фестивал, шарти озмунҳо, Паёми шодбошии Вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, сенарияи баргузории фестивал, сенарияи композитсияҳои адабӣ - бадеӣ, маълумотномаи адибони соҳибҷашн, фикру андешаҳои адибону олимон оид ба фестивал, барнома ва даъватномаи фестивал чоп карда мешаванд.

Дар шумораҳои махсуси маҷаллаи «Истиқбол» ва рӯзномаҳои «Анбоз», «Баҳори Аҷам» низомномаи фестивал, таърихи он, таърихи китобхонаҳои ҷумҳурӣ, маълумотҳо оид ба адибону олимони соҳибҷашн, сенарияи чорабиниҳои фестивал (композитсияи адабӣ-бадеӣ, суҳбат, хулосаи библиографӣ, тарҳи намоиши китоб, андешаҳои иштирокчиёни фаъоли фестивалҳои гузашта, навқаламон, ҷараёни баргузорӣ, инчунин тавсифи китобдорону хонандагони беҳтарини солҳои 2018 - 2019 ва ғайра) чоп мешаванд.

Дар баргузории фестивал бо салоҳдиди созмондиҳандагон як рӯзи фестивал дар саросари ҷумҳурӣ ба яке аз мавзӯҳои зерин: ба Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, «22-солагии Рӯзи Ваҳдати миллӣ», солҳои 2019 - 2021 «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ», Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, 2018-2028», рӯзи фарҳанг, инчунин ба ҷашну зодрӯзи адибону олимон ва китобҳои тозанашре, ки дар соли 2018 - 2019 чоп шудааст, бахшида мешавад.

## 5. ТАЛАБОТИ ОЗМУНҲОИ ФЕСТИВАЛ

Бо мақсади муайян намудани ғолибони озмунҳо ва иштирокчиёни фаъоли фестивал дар назди ситодҳои ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ ва шаҳриву ноҳиявӣ ҳайати ҳакамон таъин мегарданд, ки онҳо ба масъалаҳои зерин баҳогузорӣ менамоянд:

- вазъи фароҳамсозии шароитҳои мусоид барои мутолиа китоб, тадбирҳо ҷиҳати ободонии китобхонаҳои бачагона ва мактабӣ.
- теъдод, моҳият, сифат ва мундариҷаи чорабиниҳои гуногуни оммавӣ барои кӯдакон ва наврасон;
- сатҳи таъминоти китобхонаҳои бачагона ва мактабӣ бо технологияи муосири иттилоотӣ, телекоммуникатсионӣ, аз ҷумла пайвастшавӣ ба шабакаи интернет ва истифодабарии самаранок аз он ;
- сатҳии таъминоти фонди китобхонаҳои бачагона ва мактабии ҷумҳурӣ бо осори чопӣ ва дигар маводи иттилоотӣ, аз ҷумла бо адабиёти тозанашри бачагона;

- вазъи таъминоти китобхонаҳои бачагона ва мактабӣ бо мутахассисони соҳибмаълумот;

- тарзи ҳуҷчатгузорӣ дар китобхонаҳои бачагона ва мактабӣ, мавҷудияти нақша, аз ҷумла нақшаи баргузории маҳфилҳо ва сенарияи чорабиниҳо (намоиши китобӣ, хулосаи библиографӣ, субҳи адабӣ, сӯҳбатҳои гурӯҳӣ ва инфиродӣ, хониши бадеӣ, байтбарак, конфронси хонандагон, мулоқоту вохӯриҳо бо адибону олимон, викторинаҳо, лавҳаҳои китобхонавӣ);

- сатҳу сифати ҳамкории китобхонаҳои бачагона ва мактабӣ бо дигар ташкилоту муассисаҳо, иттифоқҳои эҷодӣ, волидайни хонандагон, муассисаҳои томактабӣ дар самти ҷалби кӯдакону наврасон ба хониш.

-ташкили вохӯриҳо дар китобхонаҳо, ташкилотҳои савдои китоб, кӯдакистонҳо, мактаб-интернатҳо, муассисаҳо барои кӯдакон бо имкониятҳои маҳдуди ҷисмонӣ, муассисаҳои ислоҳи меҳнатии бачагона бо адибони муосире, ки барои кӯдакону наврасон асар меофаранд.

## 6. ХАРОҶОТИ МОЛИЯВИИ ФЕСТИВАЛ

Хароҷоти чорабиниҳои фестивал, ки ба зиммаи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор шудаанд, ки аз ҳисоби маблағҳои соли 2019-уми Нақшаи чорабиниҳои«Барномаи давлатии рушди муассисаҳои фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016–2020», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №53, аз 9 феврали соли 2016 тасдиқ гардидааст, пардохта мешаванд.

Хароҷоти баргузории фестивал дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ва сафарбарии фаъолону ғолибони озмунҳо, адибони маҳаллӣ барои иштирок дар ҷамъбасти фестивал, ки дар шаҳри Душанбе баргузор мегардад, аз ҳисоби маблағҳои бахш ва шуъбаҳои фарҳангу маорифи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ пардохта мешавад. Дар баргузории фестивал, ҳавасмандгардонии созмондиҳандагону иштирокчиёни он ба сифати сарпараст шахсони воқеию ҳуқуқии ватанию хориҷӣ, сармоядорон ҳиссагузорӣ карда метавонанд.

## 7.МУКОФОТҲОИ ФЕСТИВАЛ

Дар ҷараёни фестивал озмунҳои гуногун гузаронида шуда, ғолибони онҳо бо китобҳо, тухфаҳо, армуғонҳо, ифтихорномаву дипломҳо мукофотонида мешаванд.

Созмондиҳандагон, иштирокчиёни фаъоли фестивал, китобдорон, адибону олимон, омӯзгорон, хонандагон, кормандони васоити ахбори омма, муассисаву ташкилотҳо, шахсони алоҳида аз ҷониби Кумитаи тадорукотӣ ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят, шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ бо мукофотҳои пулӣ, тӯҳфаҳо, инчунин бо ифтихорномаҳо ва нишонҳои сарисинагии «Аълочии фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Аълочии маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон» қадрдонӣ карда мешаванд.